**ТАҚРИЗИ**

**роҳбарони илмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Комилов Рустам Саъдуллоевич, номзади илмҳои фалсафа Маҳмадизода Нозим Давлатмурод ба диссертатсияи Азизов Комил Ҷурохонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 –Таърихи фалсафа.**

Таҳқиқи афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ дар бораи ҷанг ва сулҳ, давлат ва давлатдорӣ, сулҳу амният ва ифтихори миллӣ, ки дар «Шоҳнома» арзёбӣ шудаанд, муҳим ва актуалӣ аст, чунки ба ин мавзӯъ миқдори ками муҳаққиқон ва таҳлилгарон рӯ овардаанд ва паҳлӯҳои мухталифи он то ҳол норӯшан мондааст. Омӯзиши мавзӯи мазкур имкон медиҳад, ки проблемаи ҷанг ва сулҳ, таъмини бехатарии давлат ва ифтихори миллӣ аз нуқтаи назари фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Омӯзиши ақидаҳои асосии Фирдавсӣ моро бо равандҳои асосии рушди ҷомеа шинос намуда, имкон фароҳам меорад, ки ба проблемаҳои ҷамъият ва давлату давлатдорӣ равшанӣ андозем ва донишу малакаҳои ба дастомадаро дар ҷаҳони пуртаззоди имрӯза истифода барем. Ҳаёти ҷамъиятӣ дар мисоли қиссаҳо ва ривоятҳо нишон медиҳад, ки дар он хубӣ ва бадӣ, ҷанг ва сулҳ, ватанпарварӣ ва хиёнаткорӣ, зуроварӣ ва таҳаммулпазирӣ таҷассум ёфтаанд. Дар он ҷое, ки таъсири хубӣ паст ва ночиз мегардад, бадӣ бо дарназардошти сифатҳои ҳирсӣ, бухлу тамаъкорӣ ва дигар омилҳои манфӣ ғалаба мекунад. Лекин чунин хислатҳои манфӣ дер давом намекунад, чунки дар охир ба ҳамаи он нигоҳ накарда, хубӣ бо дарназардошти сифатҳои некӣ, ҳақиқатҷӯӣ, таҳаммулпазирӣ дастболо мешавад. Дар муқобили некӣ Фирдавсӣ чунин ақидаҳои фалсафии бадиро бо маҳорати баланд ҷойгир намудааст ва қайд намудааст, ки чи қадаре, бадӣ, зуроварӣ давом накунад дар охир онҳо ошкор карда мешаванд ва шахси бад ва бераҳму ҷоҳил ҷазои сазовори худро соҳиб мегардад.

Дар ҷаҳони муосир, ки зӯриву зӯроварӣ, ҷанг низоъҳо, шиддатнокии иҷтимоӣ афзалият пайдо намудаанд, мавзӯи сулҳу амонӣ, барқарор намудани

сулҳ ва амният, таъмини ҳаёти осоишта яке аз масъалаҳои аввалиндарача ҳисобида мешавад. Дар ин самт аксарияти давлатҳо барномаҳои стратегии паст намудани шиддатнокии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро таҳия намуда, дар ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои ба эътидол овардани вазъият мебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили афкори иҷтимоӣ - фалсафии Фирдавсӣ оид ба ҷанг ва сулҳу субот, оромии ҷомеа маводе мебошад, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ибратомӯз ба ҳисоб меравад.

Таҳлили консепсияи «волоияти ақлу заковат» масъалаи актуалӣ ба ҳисоб рафта,ҳалли он ба таври мунтазам ба роҳ монда мешавад. Дар чунин ҳолаттанҳо ақли солим метавонад, ки мухолифатҳои мавҷударо бартараф намояд. Аз дигар тараф, дар асоси ақли солим имконият ба даст меояд, ки пояҳои давлату давлатдорӣ устувор гардад, ифтихори миллӣ дар ҷаҳони муосири пурихтилоф мавқеи худро соҳиб гардад.

Дар раванди иҷроиш ва пурра намудани кори илмии худ, Азизов Қ.Ҷ. сифатҳои олии маърифатӣ ва ахлоқиву психологиро зоҳир намуда, тамоми мушкилиҳоро дар роҳи ба итмом расонидан ва пешниҳод намудани рисолаи илмӣ дар вақти муқарраргардида, бартараф намуд.

Диссертатсияи Азизов К.Ҷ.. кори илмии ба таври мустақилона анҷомёфта мебошад, ки аз рӯи сохтор тибқи талаботи муқарраршуда омода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи таҳқиқшаванда робитаи бевосита дорад. Диссертатсия аз рӯи мазмуну мӯҳтаво ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқот ба чоп расидаанд, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар умум кори диссертатсионии Азизов К.Ҷ. дар мавзӯи **“фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” – и Абулқосим Фирдавсӣ”** ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 №505 тасдиқ шудааст,ҷавобгӯ мебошад

ва муаллифи он Азизов Комил сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа мебошад.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои фалсафа,
Профессори кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи ичтимоии факултети фалсафаи ДМТ
Комилов Р.С. ______________

Роҳбари илмӣ номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, декани факултети фалсафаи ДМТ
Маҳмадизода Н.Д. ______________
Реквизитҳо:
Индекс: 734025, Чумҳурии Точикистон, ш.Душанбе.
Ноҳияи Фирдавсӣ, кучаи С. Шерозӣ 20/9 хонаи 21._
Телефони мобилӣ 907997090.

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессор Комилов Р.С.,
ва номзади илмҳои фалсафа,
дотсент Маҳмадизода Н.Д. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ ______________ Тавқиев Э. Ш.